*Бо Фармоиши Раис*
*№1-ПО аз 27.03.2020*
*тасдиқ карда шудаанд*
*(аз 27.03.2020 амал мекунад)*

# ПЕШНИҲОДИ ОММАВӢ ДАР БОРАИ ПЕШНИҲОД НАМУДАНИ ХИЗМАТРАСОНИҲО ОИД БА АМАЛӢ НАМУДАНИ ПАРДОХТ БО ИСТИФОДА АЗ КОРТҲОИ БОНКӢ ТАВАССУТИ ҲАМЁНИ “ALIF.MOBI”

Дар Пешниҳоди омавии мазкур дар бораи амалӣ намудани пардохтҳо бо истифода аз кортҳои бонкӣ тавассути ҳамёни “alif.mobi” (минбаъд аз рӯйи матн-“Пешниҳод”(оферта)), шартҳои бастани Шартнома дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳо оид ба амалӣ намудани пардохтҳо бо истифода аз кортҳои бонкӣ тавассути ҳамёни “alif.mobi”-ро (минбаъд аз рӯйи матн-“Договор дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳо” ва/ё “Шартнома”) дарбар мегиранд.

Иҷро намудани амалҳое, ки дар Пешниҳод (оферта)-и мазкур ишора шудаанд, тасдиқи розигии Мизоҷ оид ба бастани Шартнома дар шартҳо, тартиб ва ҳаҷми дар Пешниҳоди мазкур ишорашуда мебошад.

Матни дар поёни Пешниҳод овардашуда, Пешниҳоди оммавии ҶСК “Алиф Бонк”дар бораи бастани Шартнома оид ба хизматрасонӣ тибқи қ 2. моддаи 469 Кодекси шахрвандии ҶТ мебошад. Шартнома дар бораи пешниҳод намудани хизматрасонӣ аз лаҳзаи иҷро намудани амалҳо аз ҷониби Мизоҷ , ки дар Пешниҳоди мазкур пешбинӣ шудаанд ва қабули бечунучарои ҳамаи шартҳои Пешниҳоди мазкур бидуни ягон хориҷкунӣ ё маҳдудиятҳо дар асоси шартҳои ҳамроҳшавӣ ҳисобида мешавад.
Нусхаи ҷории Пешниҳод дар сомонаи Бонк ва дар шабакаи Интернет бо суроғаи зерин ҷойгир карда мешавад: https://alif.mobi/.

## 1. ИСТИЛОҲОТ ВА МАҲФУМҲО

Агар дар матни ҳуҷҷати мазкур дигаре пешбинӣ нашуда бошад, истилоҳот ва ихтисорот (ки бо ҳарфи калон навишта шудаанд) маънои зерин доранд ва калимаҳое, ки дар шахси танҳо оварда шудаанд, шахси ҷамъро ҳам дарбар мегиранд ва баръакс:

**Маълумоти Воридшавӣ-**рақами телефони мобилӣ, ки ба он Ҳамёни Доранда, калимаи рамзӣ, рамзи воридшавӣ ба Ҳамёни Доранда ва Рамзи Тасдиқӣ тибқи Созишнома баста шудааст.

**Воридшавӣ-**раванди дархост ва минбаъд ба даст овардани иҷозатнома аз ҷониби Бонк тавассути НПМ барои гузаронидани амалиёти Пардохт бо истифодаи Корт мебошад. Иҷозатномаи ишорашуда рамзеро (рамзи Воридшавӣ) дарбар мегирад, ки он ҳар як амалиёти муайянро мушаххас мекунад.

**Шартнома-**матни Пешниҳоди мазкур, инчунин Тарафоҳо, ки қисми ҷудонашавандаи он мебошанд.

**Корт-** корти бонкии НПМ, ки аз ҷониби Бонк ба номи Доранда ё ба номи шахси дигар иншор карда мешавад, агар аз ҷониби чунин шахс ба Доранда ҳуқуқи истифодабарӣ бо чунин корт пешниҳод карда шавад ва он аз ҷониби Бонк барои амалӣ намудани Пардохт мувофиқи Пешниҳод қабул карда шавад.

**Мизоҷ-**шахсест, ки бо Бонк Созишнома бастааст.

**Рамзи тасдиқӣ-**рамзи якдафъинаи рақамӣ, ки автоматӣ дар намуди смс-паём ба рақами телефони мобилие ирсол карда мешавад, ки ба он Ҳамёни Доранда баста шудааст.

**Комиссияи Бонк-** мукофотпулии комиссионӣ, ки дар Тарофаҳо муайян шудаанд ва аз ҷониби Бонк барои Хизматрасониҳои пешниҳодгардида тибқи Шартнома ситонида мешавад.

**Ҳамён**-Ҳамёне, ки ба Доранда тибқи шартҳои Созишномаи бо Бонк басташуда пешниҳод гардидааст.

**Бонк-**ҷамъияти саҳомии кушодаи "Алиф Бонк", РМА 030026536, РЯМ 0310015466, ки дар суроғаи зерин ҷойгир аст: Душанбе, куч. Ф.Ниёзӣ, х 51 ва дорои иҷозатномаи амалӣ намудани фаъолияти бонкӣ №0000114 аз 03.01.2020 мебошад.

**Низоми пардохти миллӣ (НПМ)**-низоми пардохти милии «Корти миллӣ».

**Бахши пардохтӣ**-бахшҳо/экранҳои махсуси Ҳамён, ки ба Доранда таҳия ва ирсоли Фармоишҳоро ба Бонк имкон медиҳад.

**Пардохт –** амалиёти дар асоси Фармоиши Доранда аз ҷониби Бонк анҷом дода шуда оид ба интиқоли маблағи пулии Доранда бо истифода аз Корт ба Қабулкунандаи Пардохт ё зиёд гардонидани бақияи Маблағи пулии Доранда/Қабулкунандаи Пардохт – Мизоы, агар чунин зиёдгардонь мувофици шартщои Созишнома имконпазир бошад.

**Қабулкунандаи пардохт**-МТХ, Бонк ё шахси воқеӣ, ки ба манфиати ӯ Доранда ба Бонк амалӣ намудани пардохтро фармоиш медищад. Дар ҳолати амалӣ намудани Пардохт бо мақсади зиёд гардонидани бақияи Маблағи электронӣ, ки дар Ҳамёни Доранда ба ҳисоб гирифта шудаанд, Қабулкунандаи пардорхт худи Доранда мешавад, агар чунин зиёд гардонидани Маблағи электронӣ аз рӯйи шартҳои Созишнома имконпазир бошад.

**Фармоиш**-ҳуҷҷат дар шакли электронӣ, ки аз ҷониби Доранда дар Бахши Пардохтии Ҳамён таҳия шудааст ва фармоиши Дорандаи Бонк барои пешниҳод намудани Хизматрасонӣ дар асоси маълумоти аз ҷониби Дорандаи пешниҳодгардидаро дарбар

мегирад. Маълумоти Фармоиш, ки пур кардани он аз ҷониби Доранда зарур аст, дар бахши дахлдори Ҳамёни пардохтӣ ҷойгир аст.

**Маълумоти Корт** – рақами Корт, ном, насаб ва номи падарии шахсе, ки ба номи ӯ Корт интишор шудааст, мӯҳлати амали Корт ва рақами бехатарии CVC2/CVV2.

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Сомонаи Бонк** – сомонае, ки дар шабакаи Интернет дар суроғаи зерин ҷойгир аст: https://alif.mobi ва дар он маълумот дар бораи Бонк ва Хизматрасониҳо оварда шудаанд.

**Созишнома-**Созишнома дар бораи амалӣ намудани интиқоли маблағи пулӣ бидуни боз кардани суратҳисоб бо истифода аз хизматрасонии “alif.mobi”, ки байни Мизоҷ ва Бонк баста шудааст.

**Тараф**-Бонк ё Доранда

**Тарафҳо**-Бонк ва Доранда

**Маблағи Пардохт**-ҳаҷми воситаҳои пулӣ, ки аз рӯйи фармоиши Доранда ба нафъи Қабулкунандаи пардохт тибқи маълумоти дар Фармоиши Доранда пешниҳодшуда бояд ба Бонк интиқол дода шавад.

**Тарофаҳо**-ҳуҷҷатест, ки қисми ҷудонашавандаи Шартнома буда, маълумот дар бораи андоза ва қоидаҳои баҳисобгирии комиссия, аз ҷумла дигар пардохтҳои ситонидашаванда аз ҷониби Бонк барои хизматрасониҳои тибқи Шартнома расонидашударо дарбар мегирад.

**Молҳо**-молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо, инчунин ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳние, ки дар МТХ амалӣ карда мешаванд.

**МТХ-** шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, ки фурӯши Молҳоро бо имконияти пардохти онҳо бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ, тавассути Бахши пардохтии Ҳамён амалӣ мекунад.

**Хизматрасониҳо**-хизматрасониҳое, ки аз ҷониби Бонк ба Доранда дар чорчӯбаи Пешниҳоди мазкур пешниҳод карда мешаванд ва ташкилу амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳо бо Қабулкунандаҳои Пардохт бо истифода аз Корт дар асоси Фармоиши Дорандаро дарбар мегиранд.

**Иштирокчиёни ҳисоббаробаркуниҳо** – тарафҳои Шартнома, инчунин шахсони дигаре, ки бевосита дар раванди амалӣ намудани Пардохт иштирок мекунанд.

**Маблағи электронӣ –** маънояш бо истилоҳи “Маблағи электронӣ (воситаҳои пулии электронӣ)”-и дар Созишнома овардашуда баробар аст.

## 2. МАВЗӮЪИ ШАРТНОМА

2.1. Мавзӯи Шартнома, ки бо Доранда тавассути ҳамроҳ шудан ба Пешниҳоди мазкур, иҷро намудани амалҳои дар назар дошта ва пешбининамудаи Оферта баста шудааст, пешниҳод намудани хизматрасониҳо дар чорчӯбаи Шартнома ба ҳисоб меравад.

2.2. Шартномаи мазкур аз лаҳзаи қабул намудани Пешниҳоди мазкур аз ҷониби Доранда басташуда ба ҳисоб меравад, ки бо зер кардани тӯгмаи “Минбаъд” дар бахш/экрани дахлдор, ҳангоми пайваст кардани Корт ба Ҳамён, бо роҳи ворид кардани Маълумоти Корт сурат мегирад.

2.3. Бонк кафолат медиҳад, ки ҳангоми ворид кардани Корт ба Ҳамён, Маълумоти Корт дар маҷмӯи таҷҳизотиву барномавии Бонк нигоҳ дошта намешавад ва Фармоиши Доранда танҳо пас аз дуруст ворид кардани Маълумоти Воридшавӣ барои иҷро қабул карда мешавад.

2.4. Комиссияи Бонк оид ба иҷрои Фармоиши Доранда бо Тарофаҳои Бонк муайян карда мешавад. Доранда уҳдадор аст Комиссияи Бонкро пардохт кунад. Комиссияи Бонк аз рӯйи иҷрои ҳар як Фармоиши алоҳидаи Доранда, дар лаҳзаи ташаккули Фармоиш аз ҷониби ӯ, бо роҳи ишора намудани андозаи комиссияи Бонк дар Бахши Пардохтии дахлдори Ҳамён бевосита пеш аз амалӣ намудани Пардохт, инчунин бо роҳи ҷойгир кардани Тарофаҳои дахлдор дар Сомонаи Бонк ба маълумоти Доранда расонида мешавад.

2.5. Доранда тасдиқ мекунад, ки дар бораи имкони аз ҷониби ташкилоти қарзӣ - хизматрасонандаи Пардохти Доранда ситонидани дигар мукофотпулиҳо ҳангоми иҷрои Пардохт огоҳ карда шуд. Доранда ӯҳдадор аст мустақилона муносибатҳои минбаъдаро бо қабулкунандагони чунин мукофотпулиҳо ба танзим дарорад.

## 3. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОД НАМУДАНИ ХИЗМАТРАСОНИҲО

3.1. Бонк ба Доранда аз рӯйи Шартномаи мазкур бо назардошти талаботи қонунгузории амалкунандаи ҶТ, инчунин талаботи НПМ, ҳангоми ҳамзамон иҷро намудани шартҳои зерин хизматрасонӣ пешниҳод менамояд:

- бомуваффақона ба анҷом расонидани раванди пайваст намудани Корт ба Ҳамён;
- мавҷуд будани имконоти техникӣ барои пешниҳод намудани Хизматрасониҳо ба Доранда;
- дуруст ворид кардани Рамзи Тасдққкунанда;
-мавҷуд будани иҷозатнома барои баргузории амалиёт аз рӯйи Корт, ки дар натиҷаи гузаронидани раванди Воридшавӣ ба даст омадааст;

- мавҷуд набудани монеаҳои мустақим барои гузаронидани амалиётҳо, ки бо Шартномаи мазкур, Шартнома дар бораи интишор ва хизматрасонии Корт пешбинӣ шудааст.

3.2. Бо мақсади пешниҳоди дурусти Хизматрасониҳо аз ҷониби Бонк мувофиқи Шартнома, Доранда тавассути Бахши Пардохтии дахлдори Ҳамён бо роҳи ишораи маълумоти дуруст дар Фармоиши худ ва интихоби Корт ҳамчун воситаи Пардохт ба Бонк Фармоиш медиҳад.

3.3. Аз санаи пешниҳоди Фармоиш ба Бонк (б. 3.2. Пешниҳоди мазкур), Бонк масъулият оид ба пешкаш намудани хизматрасониро ба зиммаи худ мегирад.

3.4. Бонк ҳуқуқ дорад яктарафа бастани Шартномаро дар асоси шартҳои Пешниҳоди мазкур ё қабул кардани Фармоиш бе иловатан ишора намудани сабабҳо рад кунад, аз ҷумла бо он маҳдуд нашавад, агар:

- Маълумоти Корти аз ҷониби Доранда воридкарда ба талаботи муқаррарнамудаи Бонк ё дигар Иштирокчии Ҳисоббаробаркуниҳо мувофиқ нестанд, инчунин бо чунин амалҳо вайрон кардаин қонунгузории амалкунандаи ҶТ ё талаботи НПМ;
- Маълумоти аз ҷониби Доранда барои таҳия намудани Фармоиш нопурра ва/ё нодуруст мебошанд;
- Фармоиш дар бораи амалӣ намудани Пардохте, ки барои қонунигардонии (шустушӯи) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст омада ва маблағгузории терроризм равона гардидааст ва/ё хусусияти амалиётҳои шубҳанок дорад ё бояд назорат карда шаванд, амалиётҳое, ки вайрон кардани қонунгузории асъорӣ ё дигар қонуни соҳавии ҶТ ё хавфи обрӯӣ барои Бонк ба бор меоранд.

3.5. Ҳуқуқи талаб, ки Доранда ӯро аз лаҳзаи бастани Шартнома ба даст меорад, наметавонад аз ҷониби Доранда ба шахсони сеюм дода шавад.

3.6. Дар асоси Фармоиш оид ба амалӣ намудани Пардохт, Доранда ба Бонк супориш дар бораи равон кардани воситаҳои пулӣ ба суратҳисоб, ки аз ҷониби Доранда пешниҳод мешавад барои иҷроиши амалиётҳои зерин медиҳад:

- пардохти Комиссия ба Бонк (дар сурати ситонидани он);
- амалӣ намудани Пардохт ба нафъи Қабулкунандаи пардохт, тибқи маълумоте, ки аз ҷониби Доранда дар Фармоиш ишора карда шудааст.

3.7. Доранда барои дурустии маълумоти дар Фармоиш ишорашуда масъул аст ва ҳуқуқ надорад ба Бонк ягон гуна арз вобаста ба иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳо аз ҷониби Бонк тибқи Шартнома пешниҳод намояд, агар маълумот дар Фармоиш хато ё нопурра ишора шуда бошад.

3.8. Ӯҳдадории Бонк дар назди Доранда аз лаҳзаи ба даст овардани иҷозат/радди НПМ барои гузаронидани амалиёт аз рӯйи Корт тибқи натиҷаҳои гузаронидани раванди Воридшавӣ ва иҷрошавӣ/иҷро нашудани амалҳо оид ба амалӣ намудани

ҳисоббаробаркуниҳо ба нафъи Қабулкунандаи Пардохт аз рӯйи Фармоиши Доранда пурра иҷрошуда ба ҳисоб меравад.

3.9. Дар ҳолати баргардонидани Пардохт бо сабабҳои аз Бонк новобаста, аз ҷумла аз сабаби ворид кардани маълумоти нодуруст ҳангоми додани Фармоиш, Бонк ба ҷойи ба ҳисоб гузаронидани маблағи пулӣ ба Корти Доранда, бақияи МПЭ-и Дорандаро аз ҳисоби маблағи Пардохти баргардонидашуда зиёд мекунад. Маблағи нақд аз ҷониби Бонк тибқи Шартномаи мазкур амалӣ баргардонида намешавад.

## 4. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

4.1. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Доранда:

i. Доранда ҳуқуқ дорад ба Шартномаи мазкур тавассути амалӣ намудани амалҳои дар назар дошта, ки дар б. 2.2. Пешниҳоди мазкур муқаррар шудаанд бо мақсади, қабул намудани шартҳои Пешниҳоди мазкур ва бастани Шартнома ҳамроҳ шавад.

ii. Доранда ҳуқуқ надорад ба шахсони сеюм ҳуқуқҳои даъво зидди Бонкро таҳвил диҳад, ки бо бастани Шартнома тибқи шартҳои Пешниҳоди мазкур бармеояд,.

iii. Доранда ӯҳдадор аст сари вақт ва пурра бо шартҳои Пешниҳоди мазкур, андозаи Комиссияи Бонк то бастани Шартнома шинос шавад.

iv. Доранда тасдиқ мекунад, ки аз рӯйи коршоямӣ маҳдуд нест, зери парасторӣ, сарпарастӣ ва ҳимоя қарор надорад, аз рӯйи вазъи саломатӣ метавонад мустақилона аз ҳуқуқҳои худ истифода ва дифоъ кунад, ӯҳдадориҳои худро иҷро кунад, гирифтори бемориҳое нест, ки ба фаҳмидани мазмуни Шартномаи басташаванда монеъа эҷод мекунанд, инчунин дорои ҳамаи ваколатҳо тибқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ барои амалӣ намудани Пардохт бо истифода аз Маълумоти Корт мебошад.

v. Доранда ӯҳдадор аст Пардохтҳое, ки барои қонунигардонии (шустушӯи) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст омада ва маблағгузории тerepоризм равона гардидаанд, инчунин Пардохтҳои дорои хусусиятҳои шубҳанок доранду бояд назорат карда шаванд, амалиётҳое, ки вайрон кардани қонунгузории асъорӣ ё дигар қонуни соҳавии ҶТ ё хавфи обрӯӣ барои Бонк ба бор меоранд анҷом надиҳад.

vi. Доранда барои дурустии маълумот дар бораи инҳо масъул аст: а) Қабулкунандаи Пардохт ва маълумоти ӯ, ки ба нафъаш Пардохт гузаронида мешавад б) маълумоти пардохт, ки таъиноти Пардохтро мушаххас мекунад (мушаххаскунанда ё дигар маълумотҳо); в) Маблағи Пардохт ва ғ. Дар ҳолати нодуруст ва/ё кофӣ набудани маълумоти пешниҳодшуда, Бонк барои иҷрои номатлуб ва/ё иҷро накардани ӯҳдадориҳо, Доранда барои иҷрои номатлуб ва/ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳо дар назди Қабулкунандаи Пардохт масъул нест.

4.2. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Бонк:

Бонк ӯҳдадор аст масъулияти пешниҳод намудани Хизматрасониҳои дар доираи Шартнома бударо, аз лаҳзаи аз ҷониби Доранда иҷро намудани амалҳои бо б. 3.2. Пешниҳоди мазкур пешбинишуда ба зиммаи худ гирад.

Бонк ҳуқуқ дорад аз пешниҳоди Хизматрасониҳо аз рӯйи Шартномаи мазкур, аз ҷумла ҳангоми дар раванди пешниҳоди Хизматрасониҳо ошкор намудани хусусиятҳои амалиётҳое, ки дар зб. 4.1. () Пешниҳоди мазкур оварда шудаанд, яктарафа даст кашад.
Ҳангоми амалӣ намудани Пардохт, Бонк ӯҳдадор аси

## 5. ӮҲДАДОРИИ ТАРАФҲО

5.1. Дар ҳолати иҷро накардан ва/ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои худ аз рӯйи Шартнома, Тарафҳо тибқи шартҳои Шартномаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи ҶТ масъул аст.
5.2. Бонк барои иҷро накардан ва\ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳо аз рӯйи Шартнома масъул нест, агар чунин амал бо гуноҳи Доранда ва/ё дигар Иштирокчиёни Ҳисоббаробаркунӣ ба вуҷуд омад.
5.3. Бонк барои иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳо аз рӯйи Шартнома масъул нест, агар чунин амал бо ишораи нодурусти маълумот дар Фармоиш аз ҷониби Доранда сурат гирифт.
5.4. Бонк барои сифат, пуррагӣ ва дигар хусусиятҳои Молҳо, инчунин барои иҷрои ӯҳдадориҳо аз ҷониби Қабулкунандаи пардохт дар назди Доранда, ки аз ҷониби охирин бо истифодаи Хизматрасониҳои Бонк пардохт карда шудаанд.
5.5. Бонк барои ҳама гуна зарари аз сабаби шинос нашудан ва/ё саривақт шинос нашудан бо шартҳои Пешниҳоди мазкур масъул нест.

## 6. ШАРТҲОИ ИЛОВАГӢ

6.1. Таҳия намудани Фармоиш аз ҷониби Доранда ва супоридани Супориш ба Бонк барои иҷроиш бе дуруст ворид кардани маълумотӣ Воридшавӣ ғайриимкон аст. Ҳама гуна Фармоишҳое, ки тавассути Ҳамён бо роҳи ворид кардани Маълумоти Воридшавӣ таҳия ва супорида шудаанд, аз ҷониби Доранда амалишуда ба ҳисоб меравcovered, ба истисноі ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ.
6.2. Маълумоти Воридшавӣ бо мақсадҳои Шартномаи мазкур аз ҷониби Тарафҳо ҳамчун шакли имзои шахсӣ дониста мешавад.
6.3. Тарафҳо эътироф мекунанд, ки истифодаи ШИШ ҳангоми таҳияи Фармоиш аз ҷониби Доранда оқибатҳои ҳуқуқии баробар бо истифодаи имзои шахсӣ тибқи талаботи қонунгузории ҶТ ба бор меорад ва ҳамаи Фармоишҳо, ки бо ШИШ тасдиқ шудаааnd бо ҳуҷҷатҳои дар рӯйи коғаз, аз ҷониби Доранда шахсан имзогузоштаshуда баробаранд.

6.4. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани баҳсҳо дар бораи мавҷуд будани ва/ё асл будани ШИШ, бори исбот ба Тарафе гузошта мешавад, ки бо мавҷуд будани ШИШ ва/ё асл будани ШИШ розӣ нест.

6.5. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани баҳс дар бораи далели ворид кардани тағйирот ба Фармоиш, пас гузоштани ШИШ, бори исбот ба Тарафе гузошта мешавад, ки ворид кардани тағйирот ба Фармоиши мазкурро иқрор мекунад.

6.6. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани баҳсҳо байни Тарафҳо, ки бо истифодаи ШИШ алоқаманданд, Бонк таъиноти барномавиеро истифода мебарад, ки ҳангоми ташаккули ШИШ истифода бурда шуд, барои тафтиши он истифода бурда мешавад ва қарор дар бораи асл будани ШИШ-ро қабул мекунад. Доранда ҳуқуқ дорад қарори мазкурро дар тартиби судӣ баррасӣ кунад.

6.7. Муносибатҳои Тарафҳо дар чорчӯбаи иҷрои Шартнома бо қонунгузории амалкунандаи ҶТ ва Шартномаи мазкур ба танзим дароварда мешаванд.

6.8. Бо хулосаи Шартнома дар асоси шартҳои Пешниҳоди мазкур, Доранда розигӣ барои коркарди маълумоти шахсӣ аз ҷониби Бонк, алалхусус барои амалӣ намудани амалҳои зерин медиҳад,: ҷамъоварӣ, ба тартиб дарорӣ, ҷамъкунӣ, аниқкунӣ (азнавкунӣ, тағйирдиҳӣ), истифодабарӣ, паҳнкунӣ (аз ҷумла таҳвилдиҳӣ), беномгардонӣ, бастан, нобуд кардан бо мақсади иҷрои талаботи санадҳои меъёрӣ оид ба қонунигардонии маблағи пулӣ, ки бо роҳи ҷиноят ба даст омадаанд. Амалҳои ишорашуда метавонанд бо истифода аз воситаҳои автоматизатсия иҷро карда шаванд. Доранда инчунин бо мақсади иҷро намудани амалҳое, ки бо банди мазкур пешбинӣ шудаaанд, розигии худро барои супоридани маълумоти шахсӣ ба шахсони сеюм медиҳад, агар байни Бонк ва шахсони сеюм Шартномаи дахлдор баста шуда бошад.

6.9. Иҷро намудани амалҳое, ки бо б.2.2. Офертаи мазкур пешбинӣ шудаанд, қабули пурра ва бечунучарои ҳамаи шартҳои Пешниҳоди мазкур бидуни истисно ва баста шудани Шартнома дар асоси Пешниҳоди мазкур байни Доранда ва Бонк ба ҳисоб меравад.

6.10. Тағйирот ба Шартномаи мазкур ва Тарофаҳо бо роҳи қабули Пешниҳоди дахлдори Бонк аз ҷониби Доранда ворид карда мешаванд. Бонк ба Доранда пешниҳод дар бораи ворид кардани тағйирот ба Шартномаи мазкур ва/ё Тарофаҳо бо роҳи ҷойгир намудани таҳрири нави онҳо дар сомонаи Бонк равон мекунад. Тағйироти воридшуда ба Шартномаи мазкур ва/ё Тарофаҳо дар муддати 15 (понздаҳ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи ҷойгир намудани таҳрири нави Шартнома ва/ё Тарофаҳо дар сомонаи Бонк эътибор пайдо мекунад, агар дигаре аз ҷониби Бонк пешбинӣ нашудааст.

6.11. Тибқи банди 2 ва 3-и моддаи 470-и Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳолати иҷро намудани амалҳо аз ҷониби Доранда, ки бо б.3.2. пешбинӣ шудаанд, пас аз мавриди амал қарор гирифтани тағйироту иловаҳои Шартнома ва/ё Тарофаҳои мазкур, маънои қабул кардани Пешниҳоди Бонк дар бораи ворид кардани тағйирот ба Шартномаи мазкур ва/ё Тарофаҳо аз ҷониби Дорандаро дорад.

6.12. Доранда ҳуқуқ дорад ҳар лаҳза аз Шартнома даст кашад. Дар ин ҳолат Доранда ӯҳдадор аст пайвастшавии Корт ба Ҳамёнро бо роҳи нест кардани он аз бахши дахлдори Ҳамён бекор кунад.

6.13. Бонк ҳуқуқ дорад яктарафа аз иҷрои Шартномаи мазкур бе ишораи сабабҳо тавассути  ирсол кардани огоҳиномаи дахлдор бо ҳар гуна роҳи пешбинамудаи Созишномае, ки бо Доранда баста шудааст аз иҷрои ӯҳдадориҳо даст кашад.

6.14. Новобаста аз бекор кардани Шартнома, Тарафҳо ӯҳдадоранд бо таври дахлдор ӯҳдадориҳои худро, ки то лаҳзаи бекор кардани Шартнома ба вуҷуд омадаанд, аз рӯйи Шартномаи мазкур иҷро кунанд.

6.15. Шартнома аз санаи аз ҷониби Доранда анҷом додани амалҳое эътипор пайдо мекунад, ки дар б. 2.2. Пешниҳоди мазкур оварда шудаанд ва то лаҳзаи аз ҷониби Тарафҳо ё яке аз онҳо бекор кардани Шартнома амал мекунад.

6.16. Агар яке ё якчанд аз муқаррароти Шартнома бо сабаби ворид кардани тағйирот ба қонунгузории ҶТ ё тағйири талаботи НПМ бекор ё аз эътибор соқит карда шаванд, ин асос барои қатъ намудани дигар муқаррароти Шартнома намегардад. Муқаррароти бекоркардашуда бояд бо муқаррароте иваз карда шавад, ки дар муносибати ҳуқуқӣ аз ҷиҳати маъно ба муқаррароти мавҷуда наздиканд.